*Ба Шурои диссертатсионии*
*6D.КОА-029 назди Донишгоҳи*
*миллии Тоҷикистон, 731025,*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 17*

**Тақриз**

**ба диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи “Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа**

Омӯзишу таҳқиқи афкори ирфонӣ-фалсафии мутафаккирони форсу тоҷик аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳим ва мубрамест, ки ҳамеша дар мадди назари муҳаққиқони таърихи фалсафа, антропологияи фалсафӣ ва ҷомеашиносони кишварамон қарор дошта, ин мавзуъ ҳамеша таваҷҷуҳи шарқшиносони ватанию хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Таълифи рисолаи илмӣ дар мавзуи “Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ” таҳқиқоти саривақтӣ буда, бо мазмун ва мундариҷаи ҷолибаш саҳифаи тозаеро дар таърихи фалсафа, арзишшиносӣ ва инсоншиносӣ боз хоҳад кард. Бозсозии низомҳои сиёсию иқтисодии охири қарни XX ба амал омада ва тағйироти бузурги глобалӣ ба раванди инкишофи эътидолию солими маънавиёти ҷомеа таъсири манфӣ расонида, ба хазонаи ғановати маънавию арзишии ҷомеаи инсонӣ зиёни фалокатовар овард. Ба назари аввал чунин менамояд, ки ниҳодҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва сиёсию маънавии ҷомеаи муосир ҳарчӣ бештар назари гуманистию таҳаммулпазиронаро ба сӯйи инсон изҳор медоранд, вале аз тарафи дигар ба хотири таъмини ҳуқуқи ақшори мухталиф аз хостаҳои ҷузъию фардии намояндагони алоҳидаи ҷомеа пуштибонӣ анҷом медиҳанд, ки ин “хостаҳои навэҷодшуда” (чун таблиғи табдили ҷинсият, озодӣ аз оила, бефарзандӣ ва ғ.) на танҳо аз доираи арзишҳои анъанавии ҷомеаи инсонӣ дур ҳастанд, балки мустакиман ба одату анъанаи эътирофшуда ва арзишҳои мӯътабари инсонӣ ихтилофи тундраво доранд.

Муаллиф кӯшидааст зарурати таърихӣ ва тақозои замонро дар хусуси баррасӣ ва таҳлили илмии падидаи арзишҳо асоснок намуда, бо навиштани рисолаи илмӣ ба дифои ҳақбинонаи назарияи арзишҳо, ки садсолаҳо афкори илмию фалсафӣ ва ахлоқии мутафаккирони гузаштаи моро фаро гирифта буд, пардозад.

**Мавзуъ ва мазмуну мухтавои диссертатсияи** Абдуллоев Абдусалом Абосиевич таҳти унвони «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар

фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқикӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси мазкур муайян шудаанд, мувофиқати комил дорад.

Рисолаи такризшаванда иборат аз 181 саҳифаи компютерӣ аст. Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсаду моҳияти мавзуи мавриди таҳқиқ тарҳрезӣ шуда аз мукаддима, ду боби муфассал, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар муқаддима муаллиф тибқи анъанаи муқаддиманависӣ доир ба муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он дар таърихи фалсафаи тоҷик, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, масъалаҳои таҳқиқот, усули таҳқиқот, соҳаи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назарии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсияро ба таври мухтасар баён намудааст.

Инсон тӯли ҳазорсолаҳо, дар ҷараёни фаъолияти бетаваққуфу муттасил симои воқеии хешро, ки он ҷо принсипҳои олии гуманизми инсонӣ устувор шудаанд, офаридааст. Бузургони илму фалсафа ва муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни ҳаёти маънавии ҷомеа ба хотири бузургдошти ғановати пурифтихори ахлоқӣ ва ҳифзи арзишҳои нодиру муътабари инсонӣ асарҳои зиёде навишта, саҳми гаронбаҳои худро дар устувор намудани симои маънавии инсону ҷомеа гузоштаанд. Мутафаккирони форсу тоҷик дар кадом замони таърихӣ, дар чи гуна муҳити ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зиндагӣ карда бошанд ҳам, ҳамеша ҳифзкунандаи ахлоқи воло ва посничгоҳдорандаи арзишҳои муҳтарами инсонӣ буданд.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсияи** Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар он зоҳир мешавад, ки дар таърихи фалсафаи тоҷик дар масъалаи омӯхтан ва баррасӣ намудани таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи олимони алоҳида то имрӯз осори таҳқиқии судманд интишор ёфта, дар ин замина рисолаҳои фаровони илмии номзадиву докторӣ ба дифоъ расида бошанд ҳам, чунин иқдом дар асоси осори гаронарзиши Ҷалолуддин Балхӣ пеш гирифта нашудааст. Аксиология – арзишшиносӣ яке аз илмҳои ҷавони фалсафӣ аст, ки бар асари мусоидат намудан ба таҳқиқоти натиҷабахшу пурсамари масъалаҳои махсуси гносеологӣ тавассути назарияи арзишҳо эътирофи хоссаро касб кардааст. Чуноне муаллифи рисола қайд мекунад, мутафаккири бузург

Ҷалолуддин Балхӣ бунёдгузори таълимоти мумтозу нодири ҳовии ахлоқ, санъат ва зебоӣ буда, тамоми осори ӯ ба масъалаи ҳувияти олии инсон, муҳтарам ҳисобидани ахлоқи ӯ ва таъйиноти бузургии одамият бахшида шудааст. Диссертант мубрамӣ ва зарурияти навиштани рисоларо дар он мебинад, ки дигаргуниҳои бузурги ҳаёти иҷтимоию иқтисодии замони муосир ба низоми арзишҳои эътирофшудаи инсонӣ, хусусан арзишҳои гуманитарӣ таъсири манфӣ расонида, пояҳои ахлоқии ҷомеаро коҳиш ва унсурҳои анъанавии ниҳоди оиларо заиф гардонидааст. Муаллиф хусусияти эҷодиёт ва мундариҷаи таълимоти мутафаккирро ба муҳити ҳаётии ӯ алоқаманд месозад, ки он ҷо анъанаҳои тағйирёфтаю дигаргуншудаи ғарбию шарқӣ, маводи зиёди таърихӣ-арзишии халқҳои гуногуни маскуни Осиёи сағир, назарияҳо ва идеяҳои мактабҳои фикрии минтақа рушд карда, фазои бархӯрди тамаддунҳои мухталиф ва анъанаҳои нодиру фараҳбахши замони антиқа ва асрҳои миёна будааст. Дар рисола шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва муҳити ҳаётии Ҷалолуддин Балхӣ тасвир мешавад ва хонанда огоҳ мегардад, ки зиндагии болиғи мутафаккир дар Қуния гузаштааст. Нодида набояд гирифт, ки вазъи ин минтақа дар муқоиса ба дигар нуқоти Осиё, хусусан Осиёи Миёна ва Шарқи Миёна оромтару осоиштар будааст ва муҳити солими иҷтимоию фарҳангӣ заминаи мувофиқе барои офариниши осори гаронмояи ин мутафаккири бузург гаштааст. Фарзанди диёри Вахшонзамин, ки ҳанӯз дар тифлӣ аз фарҳанги пурғановати ватанӣ баҳра бурда, анъанаю арзишҳои гаронмояи диёри ориётаборони ҳақҷӯйро соҳиб шудааст, тавонист аз мактаби бузурги маорифпарварии Бағдод дониш омӯхта, ба Қуния рафта он ҷо худро ҳамчун олиму ориф ва мутафаккири комил муаррифӣ намояд. Муаллифи рисола тавонистааст афкори нотакрор, осори гаронбор ва сарнавишти пурасрори ин бузургмардро дар рисолаи илмӣ инъикос намуда, таълимоти нодири этикӣ-эстетикӣ, хосатан таълимоти арзишшиносии ӯро мавриди арзёбӣ қарор диҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадаатсомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**, чанд идеяҳои ҷолибе ҳастанд, ки дар баробари навовариҳои зикрнамудаи муаллиф, қиммати таҳқиқотро боло бардошта, дастоварди шахсии муаллиф хоҳанд буд: якум, эҷод шудани таълимоти нодири этикӣ-эстетикии Мавлонои Балхӣ, ки ҳамчун назарияи мусолиҳаву мадоро маълум буда, ба унвони “маранҷу маранҷон” муаррифӣ шудааст. Назарияи мусолиҳаву мадоро, гуфтан мумкин аст, усули мумтози пешбурди

фаъолиятҳои ҳаётию ҷамъиятӣ, сиёсию фарҳангӣ буда, хосатан ифодакунандаи муҳити ҳаёти сиёсию дипломатии асримиёнагии Осиёи сағир аст. Агар ба раванди фаъолиятҳои сиёсию дипломатии кишвари Туркия, ки мустақиман принсипи меросияти анъанаҳои асримиёнагии Осиёи сағирро идома медиҳад, назар андозем мебинем, ки тарзу усули пешбурди "назарияи мусолиҳаву мадоро" он ҷо пайгирона истифода мешавад; дуюм, симои Ҷалолуддини Балхиро ҳамчун мутафаккири бузурги тоҷиктабор муаррифӣ намуда, мушоҳидаҳои дақиқназарона ва таҳлилҳои пайгиронаи Мавлоноро ҳамчун натиҷаи омӯзиши амиқи фарҳанги динию ирфонии гузаштагон ва соҳибият ба донишу маълумоти саҳеҳи илмию фалсафӣ ҳисобида, дар ҷараёни тавсифи таъйиноти бузурги ҷамъиятию маънавии Ҷалолуддини Балхӣ ин нуқтаро борҳо таъкид мекунад; сеюм, қобили ситоиш аст, ки муҳим будани мавзуи интихобшуда ва зарурати пеш бурдани чунин таҳқиқот аз ҷониби муаллиф дар ҳама зербобҳои рисолаи илмӣ мушоҳида мегардад. Ин нуқтаро муаллиф ба он асоснок мекунад, ки тағйироти бузурги иҷтимоию иқтисодии замони муосир, ки бар асари табаддулоти бузурги саноатию технологии се садсолаи охир ба вуқӯъ пайваст, комилан симои инсони муосирро дигаргун сохт ва арзишҳои ҳазорсолаҳо устуворшудаи инсониро, ки бар пояи накӯӣ, адолат, ростӣ, ҳақҷӯӣ, устувории оила ва ғ. қарор дошт, заиф гардонд. Навгониҳои дуразахлоқӣ ва каҷрафториҳо дар самти ҳаёти маданию маишӣ меъёрҳои иҷтимоии инсониро, ки он ҷо шарофатмандию ҷавонмардии инсон дар ҷои аввал буд, ба ларзиш овард; чаҳорум, дар рисола баррасии ҷиддии арзишҳои маънавӣ ҳамчун категорияҳои универсалии ахлоқӣ асоснок гардида, таъкид мешавад, ки арзишҳои маънавӣ-тасаввуфии таълимоти ирфонӣ-фалсафии Ҷалолуддин Балхӣ чун низоми мутаносибу мавзуни этика ва эстетикаи таълимоти ин мутафаккири бузург муаррифӣ шудаанд.

Муаллифи рисола бо таваҷҷуҳи хоса таъйиноти арзишҳои дар осори Ҷалолуддин Балхӣ зикршударо чун худкифоӣ, таҳаввулоти маънавӣ, раҳнамунсозӣ ба сӯи накӯӣ, таҳаммулгароӣ, иҷтиноб (дур будан) аз зӯроварӣ, хайру саховатпешагӣ таҳлил намуда, ин арзишҳоро ифодакунандаи аъмоли олии инсонӣ баҳогузорӣ мекунад; панҷум, дар параграфи аввали боби якум муҳаққиқ ба хулосаи дуруст меояд, ки дар афкори арзишшиносии замони бостонии форсу тоҷик (дар муколамаи Зардушт бо Ҳурмуз дар Готҳо) бузургтарин арзиш қобилияти озодии инсон аст. Яъне, гузаштагони бостонии мо ба дарки озодӣ чун неъмати бебаҳо расидаанд ва онро беҳтарин дастоварди инсонӣ меҳисобанд;

шашум, муҳаққиқ дуруст таъкид мекунад, ки гиромӣ ҳисобидани ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Тиргон, Сада ҳамчун арзишҳои волои ниёгон ҳанӯз дар замони бостон ба расмият даромадааст ва ба хулосаи ҷолибе омадааст, ки ин ҷашнҳо дар фосилаи муайян ва мутобиқ ба мавсимҳои сол таҷлил мешаванд, ки гувоҳи тақсимоти оқилонаи фаъолияти меҳнатӣ ва интихоби дурусти сайру саёҳат, хушҳолию роҳат ҳамчун арзишҳои сазовори миллии мо дар таърихи ватанамон ба шумор меравад. Инчунин дар ҷараёни омодагӣ ба ин ҷашнҳо иҷроиши корҳои созандагӣ, озодагию тозагӣ сурат мегирифтаанд, ки гувоҳи дар ҷаҳонбинии гузаштагонамон ҳузур доштани афкори экологӣ будааст. Хулосаи муаллифи рисола хело бомаврид аст, ки анъанаю арзишҳои мӯътабари бостонии тоҷикон таъйиноти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию таърихӣ дорад; ҳафтум, муаллифи рисола андеша пеш мегузорад, ки ҳанӯз дар таърихи ҷомеаи бостонии тоҷикон принсипи дахолат накардани коҳинон ва ходимони дин ба фаъолияти мақомоти давлатӣ қувват пайдо карда буд, ки ин гувоҳи майл ба сӯи ҷомеаи дунявӣ доштани ҷомеаи бостонии тоҷикон аст; ҳаштум, дар рисола мавзуъҳои барои ҷомеаи муосири мо муҳим ва таъхирнопазир, аз қабили барпо намудани оила ва ҳифзи он, тавлиди тифл ва тарбияи он, эҳтироми волидайн, раҳмдилӣ, ҷавонмардӣ ва олиҳимматӣ, шудгор ва кишти замин, парвариши чорво ва даҳҳо арзишҳое аз мавқеи афкори аксиологии Ҷалолуддин Балхӣ таҳлил мегарданд, ки тоҷикон дар замони бостон онро эҷод карда, то имрӯз гиромӣ медоранд. Илова ба идеяҳои зикршуда, муаллифи рисола дар бораи афзалияти ақлу хиради инсонӣ, ки дар меҳвари таълимотҳои бостонии форсу тоҷик, хусусан дар таълимоти арзишшиносии Ҷалолуддин Балхӣ қарор дорад, назари хоси худро ирсол медорад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертастсия зикршуда қобили қабул буда**, муаллиф бар он ақида аст, ки арзишҳо дар таърихи бостон ва асрҳои миёна дар арсаи ҳаёти ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, бар асари зарурату талабот ва муфидияти он эътибор пайдо кардааст. Ин ҷо муаллиф мақоми ақл ва хирадро ҳамчун татбиқсозандаи ормонҳои воло ва раҳнамои комили фаъолиятҳои судманд тавсиф намуда, пайгирӣ аз ақлро низ маҳбубтарин арзиш дар осори арзишшиносии Ҷалолуддин Балхӣ медонад. Ӯ «дилро чун воситаи маърифат» дониста, мегӯяд, ки инсон бояд оламро бо чашми дил бинад ва ваҳдатро дарёбад.

Метавон дар бораи дастоварди дигари муаллиф дар алоқамандӣ ба идеяи Инсони комил ҳарф зад, ки андешаи ҷолибе дар антропологияи

ватанӣ хоҳад буд. Муаллиф дуруст таъкид кардааст, ки идеяи Абармард, Фавқулодам ва Инсони комил, ки намунаи олии он дар фалсафаи замони Эҳё, маорифпарварии Аврупоӣ ва хусусан дар фалсафаи муосири Ғарб (дар таълимоти Фридрих Нитсше) тараннум шудааст, хело пештар-ҳанӯз дар фалсафаи ирфон ва тасаввуф, хосатан дар афкори арзишшиносии Ҷалолуддини Балхӣ устувор гаштааст. Агар дар таълимоти Фридрих Нитсше инсоният тавассути навсозии биологӣ ба мақоми Абармард бирасад, дар назарияи арзишшиносии Ҷалолуддини Балхӣ дар заминаи «меҳнату заҳмат ва фидокориҳо инсон ба ҷамоли Ҳақ расида, дар тасаввури суфия Худо миқдоран дар Инсон зуҳур карда, камолоти худовандӣ сифотан дар шакли мунтазаме дар фардҳо таҷаллӣ» меёбад ва инсон ҳолати Инсони комилро соҳиб мешавад. Ибораҳои ҷилодоре чун «зуҳури ҳақ дар олам», «худошиносии оинагун», «инсони комил», «воҳидияти Худованд ва ҳастӣ, ягонагии олам» ва ғайра ифодаи таъйиноти бузурги Инсон аст, ки муаллифи рисола онро ба мутафаккири бузург Ҷалолуддини Балхӣ нисбат медиҳад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия ч**олиби ситоиш буда, муҳаққиқ таъйиноти таърихӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва талаботию фаъолиятӣ доштани арзишҳоро таъкид намуда, дар навбати худ рӯйдодҳои бузурги таърихӣ, ҳаводиси сарнавиштсозу фоҷиавирочун падидаи тағйирдиҳандаи арзишҳо ва аз нав дида баромадани арзишҳо баҳогузорӣ мекунад. Дар рисола аксарияти равияҳои асримиёнагии форсу тоҷик дар алоқамандӣ ба арзишҳо таҳлил мегардад ва боиси қаноатмандӣ аст, ки муаллиф дар таркиботи равияҳои номбурдааш ҳаққонӣ мақоми фалсафаи машшоияро ҳамчун афкори пешрав ва воқеънигар қайд карда, хосатан, онро ҳамчун ҷараёни нодир ва тамаддунофар меҳисобад. Ба андешаи муаллифи рисола комилан розӣ бояд шуд, вақте таъкид менамояд, ки дар таълимоти гуногуни фалсафа низоми зиёди арзишҳоро таҳқиқу пешниҳод мекунанд, аммо то ҳанӯз аз лиҳози назариявӣ сохтори равшани чунин арзишҳо ва таҳлили системавии онҳо мукаррар нашудаанд.

**Қисмати хулоса аз понздаҳ банд** иборат буда, натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия аз таҳқиқи дар ин замина анҷомдодааш пешкаш гардидаанд. Хулосаҳои муаллиф асоснок буда, масъалаҳои мавриди баррасӣ ҳаллу фасли худро пайдо намудаанд. Муҳтавои автореферат бо муҳтавои тадқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқат менамояд. Хулосаҳои ба дастовардаи муҳаққиқ нишондиҳандаи асоснокӣ ва

эътимоднокии таҳқиқот мебошанд. Тадқиқоти мазкур дорои арзиши баланди илмӣ буда, нашри он дар шакли монография тавсия мешавад.

Дар баробари дастовард ва навовариҳои ҷиддӣ дар рисола баъзе камбудиҳо низ вомехӯранд, ки ба пиндори мо рафъи баъзе аз онҳо дар фаъолияти минбаъдаи илмии муаллиф аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Баъзе ҳукмҳоро метавон тағйир дод. Масалан, дар хотимаи параграфи сеюми боби аввал муҳаққиқ менависад: "дар марҳилаи аввали ташаккули арзишшиносӣ намояндагони идеализм саҳми калон дошта, ба инкишофи минбаъдаи он инчунин, файласуфони материалист низ мусоидат намуданд". Назари мо чунин аст, ки арзишҳо, хусусан арзишҳои ахлоқӣ ғановати умумиҷаҳонӣ ва умумиинсонӣ буда, таҳлилу баррасии он дар ихтиёри эҷодкорони соҳаҳои гуногуни инсоншиносию ҷомеашиносӣ – новобаста ба мансубияташон ба равияҳои фалсафӣ ва дину мазҳабҳо қарор дорад.
2. Дар рисола доир ба таълимоти ахлоқию арзишии Мискавейҳ ва намояндагони дигари мактаби фалсафии машшоия таваҷҷуҳи зиёде шудааст, ки муаллиф метавонист як қисмати онро ба сифати таҳқиқоти мустақил истифода мекард.
3. Дар диссертатсия ҷо-ҷо хатоҳои имлоию услубӣ ба мушоҳида мерасанд (с. 5, 7, 9...).

Норасоиҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқи анҷомдодаро халалдор намесозанд, автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллифи диссертатсия муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз салоҳият ва лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ дарак медиҳанд.

**Аз рӯйи мавзуи диссертатсия** муаллиф 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст. Ҳамзамон, унвонҷӯ нуктаҳои асосии мавзуи таҳқиқро дар конференсия ва семинарҳои гуногуни илмию амалии дохилию байналмилалӣ дар шакли маъруза пешниҳод кардааст.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Дар асоси далелҳои боло диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиёвич дар мавзуи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа амали мустақилона ва мукаммали илмӣ буда, ба талабот ва шартҳои рисолаҳои илмӣ тибқи банди 72-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

**Муқарриз:**
**Номзади илми фалсафа,**
**сармуаллими кафедраи умумидонишгоҳии сиесатшиносии**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров»** **М.Б. Ҷӯраев**

**Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков-1,**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Б. Ғафуров»**
**E-mail: manu1405@mail.ru**
**Тел.: (92) 971-20-20.**
**Имзои номзади илми фалсафа Ҷӯраев**
**Манучеҳр Бобоқуловичро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Муассисаи давлатии**
**таълимии «Донишгоҳи**
**давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Б. Ғафуров»** **З. С. Сайдуллозода**

**«29» ноябри соли 2024**